# ПРОТОКОЛИ

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29.11.2023 с. ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022 таҳти №17/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси Шӯро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни, Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Роҳбари илмӣ:

Рауфӣ Абдуғафор - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи технологи Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон;

**Джумаев Уктам Мирзоёрович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти Филиали донишгоҳи миллии таҳқиқотию технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии Шӯро, номзади илмҳои иктисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ: Маълумотномаи Сафарзода Гулбегим Гурезро қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба унвонҷӯ Сафарзода Гулбегим Гурез барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Сафарзода Г.Г.: Баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Сафарзода Г.Г. савол дорад? Марҳамат, аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: д.и.и, профессор Бобоев О., д.и.и., д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д., д.и.и., профессор Ахророва А.Д., д.и.т., дотсент Фохаков А.С., д.и.и., профессор Ҳамроев Ф.М. ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Сафарзода Г.Г.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии унвонҷӯ Рауфӣ Абдуғафор доктори илмҳои иктисодӣ, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: Рауфӣ Абдуғафор. Баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби Шӯрои диссертатсионӣ номзади илмҳои иктисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба Шӯро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.

2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби Шӯро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Сафарзода Г.Г. баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дода мешавад.

**Комилов С.Ҷ.**: Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Сафарзода Г.Г.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Джумаев Уктам Мирзоёрович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти Филиали донишгоҳи миллии таҳқиқотию технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе дода мешавад.

Джумаев У.М.: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Сафарзода Г.Г.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки аз тарафи Шӯро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р. - д.и.и., профессор Бобоев О.Б. ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д. баромад намуданд.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошанд, марҳамат. Хоҳишманд нест? Кифоя.

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба мукарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Сафарзода Г.Г.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯйи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов И.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳамроев Ф.М., ва доктори илмҳои техникӣ, дотсент Фохаков А.С пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор 10 Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳамроев Ф.М. дода мешавад. Марҳамат!

Ҳамроев Ф.М.: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзои Шӯрои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед, суратҷаласаи №1 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 29 ноябри соли 2023, ки аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов И.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳамроев Ф.М. ва доктори илмҳои техникӣ, дотсент Фохаков А.С. таъсис дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Сафарзода Гулбегим Гурез мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 10 нафар аъзои Шӯро, докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 4 нафар, номзади илм 1 нафар. Варақаҳои интихобии тақсимшуда 10 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда нест, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Сафарзода Гулбегим Гурез. чунин аст. Тарафдор – 10 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 10 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни Шӯро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни Шӯро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи Шӯро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шӯро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо назардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шӯрои диссертатсиониро барои ҳимояи диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез эълон кунам.

ҚАРОРИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29 ноябри соли 2023, №2 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти шириии шаҳри Душанбе), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Рауфӣ Абдуғафор, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти Филиали донишгоҳи миллии таҳқиқотию технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе **Джумаев Уктам**

**Мирзоёрович** ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р- д.и.и., профессор Бобоев О.Б. ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти шириии шаҳри Душанбе) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Сафарзода Гулбегим Гурез барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Сафарзода Гулбегим Гурез бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

29 ноябри соли 2023

Мухри муассиса

ҚАРОРИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29 ноябри соли 2023, №2 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Рауфӣ Абдуғафор, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти Филиали донишгоҳи миллии таҳқиқотию технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе **Джумаев Уктам Мирзоёрович** ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р- д.и.и., профессор Бобоев О.Б. ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Сафарзода Гулбегим Гурез барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Сафарзода Гулбегим Гурез бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

29 ноябри соли 2023

Муҳри муассиса

# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № 10
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 29.11.2023, № 2

Барои сазовор донистани Сафарзода Гулбегим Гурез, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба ҳимоя 20-уми сентябри соли 2023 қабул карда шуд, суратмаҷлиси №17 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сафарзода Гулбегим Гурез 26.08 соли 1989 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавсуф соли 2007 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси иктисодиёт ва идора дар корхонаҳо қабул шуда, донишгоҳи номбурдаро соли 2012 бо ихтисоси 060800-иктисодиёт ва идора дар корхонаҳо бо ихтисоси иқтисодчӣ- менеҷер хатм намудааст.

Аз моҳи октябри соли 2012 фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси коромӯз, иктисодчии дараҷаи 2-и ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", аз соли 2018 то августи соли 2019 ба ҳайси асисстенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва аз августи соли 2019 то ҳол иктисодчии КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" идома дода истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Рауфӣ Абдуғаффор - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иктисодӣ, профессори кафедраи назарияи иктисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;
2. **Джумаев Уктам Мирзоёрович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иктисодиёт ва менеҷменти Филиали донишгоҳи миллии таҳқиқотию технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи кафедраи иктисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон, суратҷаласаи №4 аз 03 ноябри соли 2023 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедра, номзади илмҳои иктисодӣ, дотсент Нуруддинов С.З., ташхисгар - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон, Хушмуҳаммадзода З. ва котиби ҷаласа Нуруллоева М.М. имзо шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳи зикршуда н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. санаи 7.11.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иктисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмии тадкикотии мустақил ва бааңҷомрасида дониста шуда, ба

талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Сафарзода Гулбегим Гурез сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

[1-М]. Сафарзода Г.Г. «Анализ ключевых факторов, способствующих мотивации работника» журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151 №10 (90- 91) г.2019.

[2-М]. Сафарзода Г.Г. “Экономико-организационное описание ЗАО “Молочного комбината” города Душанбе” журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151 №1 (109 - 115) г.2019.

[3-М]. Сафарзода Г.Г. “Ҷанбаҳои назариявии баландбардории фоида дар корхонаҳои истеҳсолӣ” маҷаллаи “Кишоварз” ISSN 2075 – 9584 №3 (101 - 104) с.2019.

[4-М]. Сафарзода Г.Г., Караева Д.Г. «Общие сведения об экономической эффективности производства молочной продукции: химический состав молока» журнал Вестник ТНУ ISSN 2435151, №2 (111 - 116) г. 2019.

[5-М]. Сафарзода Г.Г. “Фоида – натиҷаи ниҳоии ҳадафи соҳибкор ва идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413-5151, №1 (79-86) с.2023.

[6-М]. Сафарзода Г.Г. “Усулҳои идоракунии хароҷотҳо дар корхонаҳои саноатӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413 -5151, №4, қисми 1 (91-96) с.2023.

[7-М]. Рауфӣ А., Сафарзода Г.Г. “Омилҳои таъсиррасон ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413 -5151, №9, (46-53) с.2023.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[8-М]. Сафарзода Г.Г. Маркетинговые исследования – основная задача предприятия [Текст] / Г.Г. Сафарзода // Международная научно –практическая конференция «Конференция научных исследований» в XXI веке (18-19 июня 2021 г.) Оттава, Канада.

[9-М]. Сафарзода Г.Г. Рушди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон [Матн]:/ Г.Г. Сафарзода // Маводҳои конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Вазъи муосири рушди индустриалӣ- инноватсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди онҳо», Душанбе, 30 ноябри соли 2021

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Шарифов З.Р.** профессори кафедраи “Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит”-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, доктори илмҳои иқтисодӣ, бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

1. Агар дар автореферат дурнамои арзиши аслии ҳамаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе нишон дода мешуд, он гоҳ мазмун ва муҳтавои таҳлил пурра ва дақиқ дарҷ мегардид.

2. Агар дар автореферат ҳиссаи соҳаи саноати хӯрокворӣ, аз ҷумла саноати шир ва маҳсулоти ширӣ дар соҳаи саноат нишон дода мешуд, қимати илмии таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид.

**2. Ҷурабоев Г.Ҷ. -** д.и.и., профессори кафедраи идоракунии давлатию маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

1. Агар дар автореферати диссертатсия системаи идоракунии хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли махсулоти ширӣ нишон дода мешуд, он гоҳ сифати таҳқиқот пурмуҳтаво мегардид.

2. Дар автореферати диссертатсия ҳолати муосири корхонаҳои дигари шаҳри Душанбе бо усули риёзӣ-иқтисодӣ нишон дода нашудааст.

**3. Дадоматов Д.Н. -** д.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар автореферат оид ба таҷрибаи хориҷии идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ маводи кофӣ оварда мешуд, он гоҳ қимати таҳқиқот баланд мегардид.

2. Инчунин дар автореферат таҳлилҳои иқтисодӣ-риёзӣ танҳо барои як корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ оварда шудааст ва агар таҳлилҳои корхонаҳои дигар низ нишон дода мешуд, он гоҳ баҳогузории таъсири омилҳои дохилӣ аниқтар мегардид.

**4. Алиджанов Д.А. -** д.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисоди МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Агар муаллиф дар баробари амсилаи иқтисодӣ-риёзии арзиши аслии маҳсулоти ширӣ, амсилаи маҷмӯии идоракунии хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро пешниҳод менамуд, қимати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.

2. Дар автореферат самаранокии пешниҳоди кластеризатсикунонии саноати шир ҳамчун самти афзалиятноки соҳа бо нишондоди асоснок шарҳ дода нашудааст.

**5. Раҳмонов Ҷ.Р. -** мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Беҳтар мешуд, агар муаллиф ҳиссаи зиёдшавии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро аз ҳисоби инноватсияҳои (технологӣ ва маҳсулотӣ) дар истеҳсолот татбиқшуда таҳлил ва натиҷагирӣ мекард.

2. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон аз рӯйи аҳамият дараҷабандӣ карда мешуданд.

**6. Ҳасанова Ф.Ш. –** мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, н.и.и. чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Дар автореферат ба баррасии муаммоҳое, ки барои идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дида мешаванд, пурра зикр нагардидаанд.

2. Мутаассифона, дар автореферат омӯзиши баъзе паҳлуҳои идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, аз ҷумлаи идоракунии фурӯши маҳсулоти ширӣ аз диди назари муаллиф дур мондааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо характери тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

-механзимҳои иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити нигоҳ доштани рақобатпазирии маҳсулоти корхона дар вақти таъмин кардани рушди инноватсионӣ ва паст кардани нархи фурӯши маҳсулоти корхона **коркард гардид.**

- механизмҳои иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити васеъ ҷорӣ кардани методҳои нави ташкили истеҳсоли корхонаҳои соҳа **пешниҳод карда шуд.**

- роҳҳои оптималии идоракунии иқтисодии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо назардошти нигоҳ дошта тавонистани сатҳи таъминнокии аҳолии шаҳри Душанбе ба маҳсулоти ширӣ **исбот гардидааст**.

- бартарияти муносибатҳои иқтисодии самтҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар баландбардории рақобатпазирии моли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар бозори истеъмолӣ **ҷорӣ гардидааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:** татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд барои идоракунии хароҷот ва баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои оянда истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои тадқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

Натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳияи диссертатсия бадастовардашуда дар таҳқиқоти оянда, ки ба самти баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нигаронида шудаанд, истифода бурда мешаванд. Нуктаҳои илман асоснокардашуда ва хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд барои омодасозии заминаҳои методӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатӣ истифода карда шаванд. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои «Идоракунии корхонаҳо», «Ташкили истеҳсолот», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Микроиқтисодиёт» ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Бархасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

-эътимоднокӣ бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудааст.

- доир ба моҳияти фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар асоси таҳлили ақидаҳои назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ин мафҳум ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ки ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкории соҳа мебошад, **муайян карда шудааст**;

- муҳимияти баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо далеловариҳои иқтисодӣ асоснок гардида ва исбот карда шудааст, ки дар ин нишондиҳанда таъсири ҳамаи омилҳои хоҷагидории истеҳсоли маҳсулоти ширӣ **инъикос меёбад**;

- **муайян карда шудааст,** ки баланд шудани нархи маҳсулоти ширӣ ҳаҷми фурӯши вай кам мегардад ва дар натиҷа сатҳи таъминнокии аҳолии шаҳри Душанбе ба маҳсулоти ширӣ паст мешавад ва ин ба ҳаҷми фоидаи корхона таъсири манфӣ мерасонад;

- **асоснок гардиданд**, ки омилҳои таъсиррасонанда ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мусбӣ ва манфӣ мешаванд ва онҳо яке аз омили муҳими баландбардории рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар муборизаи рақобатноки бозорӣ шуда метавонанд;

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот барои расидан ба мақсади гузошташуда, аз ҷумла интихоби мавзуъ ва таҳияи нақшаи он, асоснокунии сатҳи мубрамияти он, муайян кардани ҳадафу вазифаҳо ва ноил шудан ба онҳо ифода ёфтааст. Муаллиф дар раванди ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асоснокунии заминаҳои такмили усулҳо ва роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноати корхонаҳои ширии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири рушди корхонаҳои мазкур ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ корхонаҳои саноати ширии ватанӣ саҳми бевоситаи худро гузошта, хулосаю пешниҳодҳои илман асоснокро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмиро ба нашр расонидааст. Истифодаи усулҳои умумиилмӣ комилият ва эътимоднокии диссертатсияро таъмин менамояд.

Дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 29 ноябри соли 2023 карори сазовор донистани Сафарзода Гулбегим Гурез бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ кабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои Шӯро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, мукобил - нест бюллетени беэътибор - нест.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

Санаи барасмиятдарории хулоса 29 ноябри соли 2023.